«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»
__________ профессор Ҷӯразода Ҷ.Ҳ
«___» ________________________ 2021

## ТАҚРИЗИ

**муаасисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)” барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ**

Инкишофи босуръати воситаҳои ахбори омма жанрҳову қолабҳои нав ба навро тақозо мекунад. Дар ҳоле, ки инкишофи ҷомеа босуръат идома дорад, тағйирпазирӣ ё падид омадани шаклҳои нав имконпазир аст. Ин гуна таҳаввул дар жанрҳои публитсистӣ низ ба назар мерасад. Яке аз чунин жанрҳо, ки дар публитсистикаи тоҷик мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст ё кам таҳқиқ шудааст, сафарнома мебошад. Доир ба жанри сафарнома ақидаҳои олимон гуногун буда, ин вазъият водор месозад, ки сафарнома ҳамчун жанр мустақил ба таҳқиқ кашида шавад. Нуктаҳои зикрнамуда аз мубрамият ва аҳамияти таҳқиқи диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)” барои дарёфти унвони илмии доктори илмҳои филология шаҳодат медиҳанд.

Таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои илмии кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (барои солҳои 2016 -2020) ба анҷом расида, натиҷаҳои он барои ҳалли муаммоҳои соҳаи публитсистика, расонаҳои муосир, хосатан матбуоти даврӣ мусоидат хоҳад кард.

Навгониҳои таҳқиқро муаллиф бо он асоснок кардааст, ки дар замони истиқлолият жанрҳои журналистика, аз ҷумла сафарнома рушду нумӯъ ёфтааст. Ин раванд тақозо мекунад, ки ҷойгоҳи сафарнома дар доираи жанрҳои журналистика муайян ва мушаххас карда шавад. Рӯ овардан ба таҳқиқи ҳаматарафаи он талаботи замон аст. То кунун бисёр паҳлӯҳои жанри сафарнома норӯшан боқӣ мондааст. Аз ин назар, сафарнома ва таҳқиқи он ба таври нав ва густурдатар дар асоси талаботи назарияи жанрҳои журналистика ва таҳаввулоти кунунии онҳо сурат мегирад. Диссертант кӯшиш намудааст, ки бо усули муқоисавии сафарномаҳои матбуоти даврии тоҷик, хосатан замони истиқлол нишон дода шавад.

Диссертатсияи мазкур барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои мубрами илми журналистика, публитсистика мавод фароҳам меорад. Натиҷаи таҳқиқ барои таълими фанҳои тахассусии журналистӣ, чун асосҳои журналистика, жанрҳои публитсистика, асосҳои фаъолияти эҷодии журналистӣ, таҳияи матни маводи публитсистӣ ва таълифи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, маводи васоити методиву таълимӣ муҳим аст. Қисмҳои ин кор дар доираи фанҳои тахассусӣ дар факултету шуъбаҳои журналистикаи муассисаҳои олии касбӣ метавонанд мавриди таълим қарор гиранд.

Диссертатсияи мазкур, ки дар такя ба сарчашмаҳои муътамади назариявӣ ва илмӣ таҳия гардидааст, фазои илми журналистикаи тоҷикро нисбатан пурра мекунад. Бахусус мухтавои он дар коркарди назарии жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ, меъёрҳои гуфтору навишт аҳамиятнок аст. Натиҷаҳои таҳқиқ дар самтҳои ҳамҷавори илм: журналистика, адабиётшиносӣ ва матншиносӣ истифода мешаванд.

Диссертатсия дар асоси сарчашмаҳои фаровони илмӣ оид ба жанри сафарнома, ки ба муаллифони ватаниву хориҷӣ тааллуқ дорад, таълиф гардидааст. Диссертант бо истифода аз маводи фаровони адабӣ ва ВАО

вижагиҳои жанри сафарнома ва анъанаҳои сафарноманависиро амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудааст.

Диссертатсия дар робита ба вазифаҳои пешгузошташуда аз муқаддима, панҷ боб, дувоздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт иборат аст.

Дар муқаддима муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методология ва методи таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, навгонии таҳқиқ, аҳамияти назарии таҳқиқ, арзиши амалии таҳқиқ, хронологияи таҳқиқ, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, саҳми фардии муаллиф, сохт ва ҳаҷми диссертатсия дар асоси талаботи рисолаи илмӣ дуруст оварда, шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – “Ҷанбаҳои назарии шинохти сафарнома” – масъалаҳои назарии таҳқиқи сафарнома, хусусиятҳои жанрӣ, мавқеи муаллиф, хатти ҳаракати сафар ва навъҳои сафарномаро дар бар мегирад.

Дар фасли якум – “Андешаҳои муҳаққиқон дар бораи жанри сафарнома” – андешаҳои олимону муҳаққиқони тоҷик оид ба “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, баъдан жанри сафарнома ва паҳлуҳои гуногуни он ва бо истифода аз андешаҳои олимон баррасӣ гардида, андешаҳоро диссертант аз нигоҳи методологӣ ба ду қисм ҷудо кардааст: а) назари муҳаққиқони адабиётшинос, ки бештар ба ҷанбаи бадеии масъала диққат додаанд; б) назари муҳаққиқони публитсистика, ки ба воқеият ва воқеиятнигорӣ такя мекунанд.

Муаллиф хулоса кардааст, ки истилоҳи «сафарнома» ва «саёҳатнома» моҳиятан ифодагари як маънову як жанранд, аммо калимаи “сафарнома” маъмул гардида, истилоҳи жанриро касб намудааст.

Дар фасли дуюми боби якум – “Хусусиятҳои жанрии сафарнома” – диссертант ба вижагиҳои жанрии сафарнома, тафовути он аз жанрҳои дигари публитсистика, бахусус лавҳаю репортаж ва очерку мақола таваҷҷӯҳ намудааст. Ба таъкиди муҳаққиқ сафарнома бо ду хусусияти барҷастааш аз дигар жанрҳо фарқ мекунад: Аввалан, сафарнома аз маҷмӯи фактҳои хос, ҳодисот, вазъият, ҷараёни ҳаёти ҷамъият иборат мебошад. Яъне, ин ҷо факту ҳодисаи алоҳида не, балки маҷмӯи факту воқеаҳо дар назар дошта шудааст. Дуюм, нигорандаи сафарнома ҳар як факти ҷудогона, ҳодисаи ҷудогонаро на ба таври мустақил, балки ҳамчун қисми таркибии ҳодисоту воқеот баррасӣ мекунад. Яъне, фактҳои алоҳида сафарномаро ба жанрҳои дигари публитсистӣ наздик созанд ҳам, таҳлили маҷмӯи онҳо аз махсусияти жанри сафарнома ба шумор меравад. Паҳлуи дигари баҳси ин фасли диссертатсия очерк ва ба истилоҳ очерки сафарӣ аст, ки дар асоси андешаҳои муҳаққиқон, хусусан Ҳ. Муҳибов ва А. Саъдуллоев арзёбӣ шудааст. Дар диссертатсия фарқияти сафарнома ва ёддошту хотира мушаххас карда шудааст.

Дар фасли сеюми боби якуми диссертатсия “Мавқеи муаллиф ва хатти ҳаракат дар сафарнома” масъалаи мавқеи муаллиф дар жанрҳои журналистика, бахусус сафарнома, баҳсу андеша ва назари олимону муҳаққиқони публитсистика, хусусан, В.В. Учёнова, В.Г. Белинский, И. Гончаров, Д.И Писарев, В. Шепелев, Тургенев, А. Савенков ва публитсистон, чун И. Файзуллоев, М. Муллоҷонов, Х. Шарифов, А. Қаҳҳоров, М. Хоҷаев, С. Шмёркин ва дигарон дар мавриди сафар ва аҳамияти он ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Фасли чоруми боби якум – “Навъҳои сафарнома” – баҳси қонуниятҳои сужетӣ-композитсионии сафарнома, махсусиятҳои жанрӣ, навъҳои сафарнома, сафарномаҳои насрӣ ва назмиро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия навъҳои гуногуни сафарнома – рӯзномаи сафар, қайдҳои сафар ва лавҳаи сафар муфассал баррасӣ шудаанд. Диссертант дар ин фасл таъкид мекунад, ки рӯзномаи сафар – яке аз навъҳои сафарнома буда, дар он мушоҳидаҳои худи муаллиф, ҷаҳонбиниву

муносибати вай ба масъалаҳои иҷтимоии замонаш инъикос меёбад. Ҳамчунин дар ин фасл доир ба навъи дигари маъмулу серистеъмоли сафарнома - қайдҳои сафар ва лавҳаи сафар баҳси илмӣ меравад. Диссертант ба хулосае мерасад, ки сафарномаҳо моҳиятан гуногун мешаванд. Дар ҳамин фасли диссертатсия вижагиҳои сафарномаҳои назмӣ дар такя ба сафарномаҳои Хоқонии Шервонӣ, Низории Қаҳистонӣ, Саъдулло Рабиӣ, Мирзо Турсунзода ва дигарон ба таври васеъ таҳлил шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия "Омилҳои пайдоиш ва ташаккули сафарноманависӣ" заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик дар заминаи таҳлили асарҳои «Таърихи Байҳақӣ» ва таърихҳои дигар, «Зафарнома»-и Ш. Яздӣ ва асарҳои шабеҳи он, «Сафарнома»-и Н. Хусрав, «Ахлоқ-ул-ашроф», «Ришнома», «Сад панд» ва чанде аз навиштаҳои Убайди Зоконӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и З.Восифӣ ва «Наводир-ул-вақоеъ»-и А. Дониш, баъзе қисмҳои тазкираҳо нишон дода шудааст. Дар фасли якуми ин боб "Заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик" заминаҳои ба вуҷуд омадани сафарнома мушаххас карда шудаанд. Дар ин фасл зимни баррасиҳои фаҳмиши журналистика ва публитсистика, вазъи таҳқиқи онҳо андешаҳои И. Усмонов, М. Муродӣ дар бораи публитсистика, таърихи он, истилоҳи «журналист» ва «публитсист», дур мондани фаъолияти публитсистии адибону журналистони тоҷик, ба ҷуз эҷоди устод С. Айнӣ аз назари мунаққидон ва муҳаққиқон, «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ ҳамчун заминаи ба вуҷуд омадани сафарномаҳои минбаъда ба доираи таҳқиқ кашида шудаанд. Дар диссертатсия мафҳумҳои журналистика ва публитсистика, монандӣ ва тафовути онҳо дар асоси гуфтаҳои муҳаққиқон баррасӣ гашта, таъкид мешавад, ки нигорандагони чунин сабкро маъмулан бо калимаҳои – «журналист» ё «публитсист» ишора мекунанд.

Дар фасли дуюми боби дуюм – "Анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX" идомаи

анъанаи сафарноманависӣ дар адабиёт ва публитсистикаи охири асри XIX ва ибтидои асри XX бо таҳлили вижагиҳои умумӣ ва хосаи як асарҳо нишон дода шудааст. Дар ин қисмати диссертатсия муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки сафарноманависӣ дар публитсистика ва адабиёти тоҷик заминаҳои қадимиву боэътимод дорад ва дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳам ин анъана идома ёфтааст.

Боби сеюми диссертатсия "Ташаккули матбуоти даврӣ ва инкишофи анъанаи сафарноманависӣ" унвон дошта, дар он марҳилаҳои инкишофи сафарнома, воқеиёти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ, таносуби мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур – "Воқеияти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ" марҳилаҳои таърихии ташаккулу таҳаввули сафарнома дар асоси намунаҳои сафарномаҳои матбуоти даврӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар диссертатсия се давраи таърихии ташаккулу таҳаввули сафарнома: аз асри XI то нимаи дувуми асри XIX; аз солҳои 20-уми асри XX то солҳои 90-уми асри XX ва солҳои 90-уми асри XX то ҳол муфассал таҳлилу арзёбӣ шудааст. Дар ин фасли диссертатсия як зумра сафарномаҳо аз рӯзҳо, ҳафта, даҳаи адабиёт ва санъати як ҷумҳурӣ ба ҷумҳурии дигар, сафарҳои илмӣ, конфронсҳо, анҷуманҳо, сайру сафарҳои истироҳативу кории ашхоси касбу кори гуногун – рӯзноманигорон, адибон, кормандони соҳаи фарҳанг ва ғайра таҳқиқ шудаанд.

Дар заминаи таҳлилҳо диссертант дар ҳашт қисмат хусусияти хоси сафарномаҳое, ки таассуроти сафари хориҷаро инъикос намудаанд мушаххас намудааст.

Боби чоруми диссертатсия «Таҳаввули сафарнома дар матбуоти замони истиқлол" унвонгузорӣ шудааст. Ин боб заминаҳои иҷтимоиву

касбии таҳаввули сафарнома, хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуоти давриро дар бар мегирад.

Дар фасли якуми ин боб – “Заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома” таҳаввули жанри сафарнома дар замони истиқлолият мавриди баҳс қарор гирифтааст.

Дар ин фасл диссертант таъкид мекунад, ки маҳз дар замони истиқлолият хусусиятҳои жанрҳо тавассути матбуоти мустақил бештар зуҳур намуд. Матбуоти мустақил ҳодисаю воқеаҳои гуногунро ҳаматарафа инъикос намуда, хонандаро бо беҳтарин ва волотарин лаҳазоти зиндагӣ, муаммоҳо, мушкилот ва навгониҳо ошно месохтанд.

Мавзӯи баҳси фасли дуюми боби чорум “Хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуотӣ” аст. Аз таҳқиқи фасли мазкур диссертант хулоса мекунад, ки сафарнома ҳамчун жанри публитсистӣ-бадеӣ барои инъикоси вазъи муҳоҷирони меҳнатӣ дар минтақаҳои гуногуни дунё, минҷумла ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ аз жанрҳои созгор буда, барои ҳаматарафа таҷассум намудани зисту зиндагонии муҳоҷирон мусоидат кардааст.

Боби панҷуми диссертатсия “Маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарнома” унвон дорад. Ин боб маҳорати нигорандагии қаламкашонро дар эҷоди сафарнома ва таносуби воқеияту бадеиятро дар сафарнома бозгӯ мекунад.

Фасли якуми боби панҷум «Маҳорати нигоранда дар эҷоди сафарнома” ном дошта, дар асоси андешаҳои олимону муҳаққиқон муҳим будани забони пухтаву равони нигоранда ва маҳорати касбии ӯ дар эҷоди сафарнома нишон дода шудааст. Аз таҳлили сафарномаҳои матбуоти даврӣ муҳаққиқ хулоса менамояд, ки гуногунии услуб ба маҳорати рӯзноманигор вобаста мебошад, зеро ӯ барои татбиқи афкори худ шакли мувофиқеро интихоб мекунад. Фасли дуюми боби панҷум “Таносуби воқеият ва бадеият дар сафарнома” ном дошта, дар он

масъалаи воқеият ва бадеият дар публитсистикашиносӣ ва адабиётшиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар дар бист банд зикр гардидаанд. Дар хулоса аз таърихи сафарнома ва аҳамияти «Сафарнома»-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ барои ташаккули жанри сафарнома, хусусиятҳои жанрӣ, хатти ҳаракат ва нақши муаллиф, навъҳои сафарнома ва дигар паҳлӯҳои таҳқиқот мушаххас гардидаанд.

Бо вуҷуди муҳасаноти номбурда, якчанд нуктаҳое, ҳастанд, ки ба инобат гирифтани онҳо арзиши диссертатсияро бештар хоҳад кард.

1. Публитсистикаи солҳои 90-ум берун аз мадди назари диссертант мондааст. Ҳарчанд ба андешаи муҳаққиқон (аз ҷумла Пансерев К.А., Колосов Г. В. ва диг.) солҳои 90-уми пасошӯравӣ дар журналистика дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омад ва дар ин замина таваҷҷӯҳ ба жанрҳои бадеӣ ва публисистӣ, аз ҷумла сафарнома суст гардид. Журналистика, ки ҷойгузини матбуоти шӯравӣ, ҳизбӣ буд, хусусияти ташивиқиву тарғибӣ, афзалиятҳои касбиро иваз намуда, бештар таваҷҷуҳ ба жанрҳои иттилоотӣ равона кард.

2. Диссертант ба андешаи адабиётшинос Т. Неъматзода оид ба асри ёддоштӣ будани “Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик»-и Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ розӣ нашуда, мавқеи худро танҳо бо як ҷумла ифода кардааст. Ҳарчанд беҳтар мебуд, сафарнома будани асари мазкур бо далелҳои амиқ ба таври васеъ асоснок мешуд.

3. Диссертант дар боби дуввуми рисола вижагиҳои хоси жанрии сафарномаро беҳтар мешуд, дар қиёс бо хусусиятҳои жанрҳои ҳамгиро, яъне очерк, мухбирнома мавриди таҳқиқи қарор медод;

4. Дар банди 20 хулоса диссертант таъкид мекунад, ки забони сафарномаҳо “услуби ба худ хос доранд”, лекин беҳтар мебуд мушаххас

мегашт, ки кадом услуби журналистӣ хос ба сафарнома дар назар аст: расмӣ-коргузорӣ, рӯзномавӣ-муқаррарӣ, бадеӣ-публитсистӣ. Ҳарчанд, бадеӣ-публистсисӣ саҳеҳ аст, лекин аз ҷониби диссертант муайян кардани ҷой доштан ё надоштани истифодаи ду услуби аввала ҷанбаи таҳқиқи забон ва услуби сафарномаҳоро тақвият медод.

5. Ҳарчанд, дар таҳқиқи масъала андешаҳои муҳаққиқон фаровон оварда шудаст, аммо дар ин замина мавқеи худи диссертант дар баррасии масъалаҳо камтар ба назар мерасад.

6. Яке аз хусусиятҳои муҳими жанрҳои публитсистӣ, минҷумла сафарномаҳо ташвиқотиву тарғиботӣ будани табиати онҳо берун аз мадди назари диссертант мондааст.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии рисоларо паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздашгузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мустақилона буда, аҳамияти назариву амалӣ дорад.

Автореферат ва 45 матолиби интишорнамудаи диссертант, ки 19-тоаш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертатсияи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)”, таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ таълиф шудааст. Вай бо муҳимият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариву амалиаш ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои журналистика ва назарияи тарҷума ва адабиёти муосири тоҷики МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” дар ҷаласаи №6

аз 15-уми январи соли 2021 мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифт. Дар ҷаласа 29 нафар ширкат карданд ва ба тарафдории тақризи мазкур 29 нафар овоз доданд, зид нест, бетараф нест.

Мудири кафедраи адабиёти муосири тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», доктори илмҳои филологӣ, профессор Ӯлмасова Замирахон Ҳабибуллоевна

Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи журналистика ва назарияи тарҷума Қосимова Инобат Тӯхтабоевна

Эксперт, доктори илмҳои филологӣ, профессор Матлубаи Мирзоюнус

Имзоҳои Ӯлмасова З. Ҳ., Қосимова И.Т. ва Матлубаи Мирзоюнус-ро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Ашрапова З. Н.

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд,
Кӯчаи Мавлонбеков 1,
Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров"
Тел: (834 22) 6 53 73; (992) 92 735 10 17
e-mail: hgu.mail.ru, www.hgu.tj